# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 декабри соли 2023, таҳти №41.

Бораи сазовор донистани Шарифзода Раҳматулло Файзулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Шарифзода Раҳматулло Файзуллоро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар мондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 14.10.2023 сол, суратмаҷлиси №35 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Преиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Раҳматулло Файзулло 05-уми майи соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Аз соли 2017 то соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи гуманитарии Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионӣ дар ш. Кӯлоб фаъолият намудааст. Аз соли таҳсили 2018-2019 то соли 2023 бошад, ба ҳайси ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ фаъолияти кории худро идома додааст. Аз соли таҳсили 2023-2024 бошад, то ба ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавсуф аз 02-юми январи соли 2020 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Зокирзода Зафар Хайрулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Абдурашидов А.А. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. санаи 09.12.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Шарифзода, Р.Ф. Масоили объект дар таркиби ҷинояти дар хатар монондан [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Маҷалаи академии ҳуқуқ. – 2019. – №3 (31). – С. 169-174; ISSN 2305-0535.
2. Шарифзода, Р.Ф. Баъзе масъалаҳои воқеии ҷинояти дар хатармонӣ [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №7. – С. 222-226; ISSN 2413-5151.
3. Шарифзода, Р.Ф. Таҳлили аломатҳои объективии ҷинояти дар хатар монондан [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №1 (41). – С. 128-132; ISSN 2410-2903.
4. Шарифзода, Р.Ф., Сафарзода, А.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекисстон [Матн] / Р.Ф. Шарифзода, А.И. Сафарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №2 (58). – С. 141-148; ISSN 2412-141X.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Абдурашидов А.А. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. санаи 09.12.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Шарифзода, Р.Ф. Масоили объект дар таркиби ҷинояти дар хатар монондан [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Маҷалаи академии ҳуқуқ. – 2019. – №3 (31). – С. 169-174; ISSN 2305-0535.

2. Шарифзода, Р.Ф. Баъзе масъалаҳои воқеии ҷинояти дар хатармонӣ [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №7. – С. 222-226; ISSN 2413-5151.

3. Шарифзода, Р.Ф. Таҳлили аломатҳои объективии ҷинояти дар хатар монондан [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №1 (41). – С. 128-132; ISSN 2410-2903.

4. Шарифзода, Р.Ф., Сафарзода, А.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекисстон [Матн] / Р.Ф. Шарифзода, А.И. Сафарзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №2 (58). – С. 141-148; ISSN 2412-141X.

5. Шарифзода, Р.Ф. Масоили объект дар таркиби ҷинояти дар хатар монондан [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» / Маводи конференсияи байналмилалии илмю амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 326-333.

6. Шарифзода, Р.Ф. Таҳлили ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалии «илм-асоси рушди инноватсионӣ». – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 2020. – С. 550-553.

7. Шарифзода, Р.Ф. Бандубасти ҷинояти дар хатар монондан ва ҷудо кардани он аз дигар таркибҳои омехта [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Илмҳои техникӣ ва таҳсилоти муҳандисӣ барои рушди устувор». – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 2021. – С. 200-205.

8. Шарифзода, Р.Ф. Хусусияти хавфнокии ҷинояти дар хатар монондан дар шароити муосири Тоҷикистон [Матн] / Р.Ф. Шарифзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Илм-асоси рушди инноватсионӣ». – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 2021. – С. 445-449.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сангинзода Д.Ш.** – муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Абдуллозода Ҷ.А.** – Раиси суди н. Ёвони вилояти Хатлон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Тағозода А.С.** – Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба таърихи пайдоиши падидаи дар хатар монондан то қабули КҶ ҶТ соли 1998, таваҷҷуҳи бештар ба корҳои илмии олимони ватанӣ зимни таҳияи рисола, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бартараф намудани мушкилоти амалияи судӣ, моҳияти мафҳуми дар хатар монондан мутобиқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, табиати ҳуқуқии ҷинояти мазкур, таҳлили парвандаҳои ҷиноятии дар хатар монондан бо дигар моддаҳои КҶ ҶТ (аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо), таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар баробари КҶ давлатҳои аъзои ИДМ, истифодаи маводҳои эмпирикӣ, аз кадом минтақа будани парвандаҳои ҷиноятии таҳлилшуда ва баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– табиати ҳуқуқии ҷиноятии дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан амалӣ карда шудааст;

– объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудаанд;

– субъект ва тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан мушаххас карда шудаанд;

– аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи ҷинояти дар хатар монондан мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои бадастомада, низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳои ҳамшабеҳро ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Дар баробари ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар мондан аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Дар ин радиф, таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: диалектикӣ, материалистӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавию ҳуқуқӣ, оморӣ таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ ва ғ.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода, З.А. Камолов, Н.А. Қудратов, М.М. Муллоев, С.С. Нарзулозода, А.И. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, И.Р. Тулиев, С.С. Шарипов, Т.Ш. Шарипов ва хориҷӣ, ба монанди Ю.А. Власов, М.И. Ковалев, И.Я. Козаченко, А. Кригер, А.В. Кузнетсов, В.В. Лунеев, В.Б. Малинин, А.В Наумов, Л.К. Рафиева, Г.В. Тимейко ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонад оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ ҳангоми татбиқи м. 127 КҶ ҶТ дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба таҳқиқ ва тавсифи ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд. Таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин, дар курсҳои махсуси таълимӣ, аз ҷумла, фанҳои «Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ», «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» ва ғайра дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои олӣ истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории ҶТ инъикос менамояд, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 30-юми декабри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Шарифзода Раҳматулло Файзулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктортони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** Шарипов Т.Ш.

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** Назаров А.Қ.

30-юми декабри соли 2023